**Тақриз**

**ба автореферати Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Чун дар илми фолклоршиносии кишварҳои дигари олам дар фолклоршиносии тоҷик низ бархе аз масоил марбут ба осори маънавӣ ва ҳикмати бебаҳои халқ то имрӯз ё пурра ҳалли худро наёфтанд ё аз доираи таҳқиқ берун мондаанд. Фолклор, эҷодиёти шифоҳӣ ё адабиёти гуфторӣ, чӣ тавре ки онро номбар накунем, яке аз падидаҳои бисёр муҳимми башарият ба ҳисоб меравд. Зеро дар ҳар як анвои фолклорӣ ҳикмати халқ, фарҳангу таърихи миллат ва афкори маънавию фалсафии мардум нуҳуфта аст. Дар ин асно жанри ривоят низ истисно нест. Гарчанде доир ба ривоят аз тарафи баъзе фолклоршиносону адабиётшиносони тоҷик фикру ақидаҳои ҷолиб баён ёфтаанд, лекин пажуҳиши мукаммали илмӣ то ҳанӯз касе анҷом надодааст. Бинобар ин, муаллифи диссертатсия Шакармамадов Ориф Нисормамадович бори аввал дар фолклоршиносии тоҷик хусусияти жанри ривоятро аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, сабку услуб, бадеият ва дар муқоиса бо дигар жанрҳои насри шифоҳӣ мавриди тадқиқот қорор додааст. Дар баробари ин, унвонҷӯ доир ба мавқеи ривоятҳо дар иҷрои расму оинҳои мардум дар таҳқиқоти худ ба таври муфассал баён намудааст.

Муаллиф ба ҳаллу фасли мавзуъ бо нияте даст задааст, ки илми фолклоршиносӣ, ки ҳанӯз барои мардумони форсизабон ҷавон аст, аз ҷиҳати назарӣ ҳамаҷониба омӯхта нашудааст ва истилоҳи илмии баъзе аз жанрҳои он дақиқ нагаштааст. Чи твре ки муаллиф дар рисолаи худ зикр кардааст, баъзан мазмуни ривоят аз унсурҳои устураву афсона ва гоҳо аз хусусиятҳои нақлӣ таркиб ёфтааст, ки маҳз ҳамин гуна омехташавӣ вижагиҳои ривоятро ҳамчун жанри мустақил бозгӯй намудааст. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъ аз ҷониби унвонҷӯ саривақтӣ буда, муаллифи рисола бисёр ҷанбаҳои норавшани ин мавзуъро ба субот расонидааст.

Рисола аз мукаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи гӯяндаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Муаллиф дар муқаддима доир ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ маълумоти дақиқ пешниҳод кардааст.

Боби аввали диссертатсия, ки унвони **«Ривоят ҳамчун жанри фолклорӣ ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ»** дорад, аз се қисм таркиб ёфтааст. Дар қисмати аввал **«Вижагиҳои жанри ривоят»** унвонҷӯ оид ба муайян намудани истилоҳи илмии ривоят фикру мулоҳизаҳои худро баён кардааст. Бо мисолҳои дақиқу боэътимод ва зикр намудани ақидаҳои муҳаққиқон андешаҳои худро доир ба ин масъала тақвият мебахшад. Муаллифи рисола дуруст қайд кардааст, ки барои ба вуҷуд овардан ва ба аҳли илм пешниҳод намудани истилоҳи дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои фолклорӣ бояд аз дигар маҳалҳо ва вилоятҳои тоҷикнишин шаклҳои гуногуни ифода ва ибораҳои ин истилоҳот дастрас шаванд. Дар қисми дуюм **«Тафовути ривоят аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ»** унвонҷӯ дар асоси шарҳу тафсири адабиётшиносону фолклоршиносон нисбати хусусиятҳои жанрҳои насри шифоҳӣ, фикру мулоҳизаҳои худро баён намудааст. Қисми сеюми боб **«Сохтор ва мавзуи жанри ривоят»** унвон дошта, дар он аз хусуси банду баст ва мазмуну мундариҷа, услубу сабки баён, воситаҳои тасвири бадеӣ сухан меравад.

Боби дуюми рисоала, ки **«Баррасии ривоятҳои мардуми Бадахшон»** ном дорад, аз чор қисм иборат аст. Қисми аввали ин боб **«Таҳқиқи ривоятҳо оид ба ашё ва ҳодисаҳои табиат»** унвон дошта, диссертант ривоятҳоеро ба риштаи таҳлил кашидааст, ки мазмуну муҳтавои асосии онҳо ба ашёҳои табиат бахшида шудаанд. Дар ин қисм ҳамбастагии ин ашёҳои табиат бо ҳаёти одамон зикр гардида, инчунин иҷрои расму оинҳо марбут ба ин ашёҳои табиат аз тарафи муҳққиқи рисола батафисл баррасӣ шудаанд. Қисмҳои минбаъдаи боби мазкур - **«Таҳқиқи ривоятҳо дар бораи дарахти арча ва чанор»**, **«Таҳқиқи ривоятҳо роҷеъ ба кӯлҳои Бадахшон»**, **«Таҳқиқи ривоятҳо доир ба сангҳо»** идомабахши ҳамин мавзуъ буда, онҳо дар маҷмуъ аз лиҳози илмиву мантиқӣ бо ҳамдигар тавъам мебошанд.

Ҳадафи аслии унвонҷӯ дар боби сеюми рисолааш - **«Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар ривоятҳои мардуми Бадахшон»**, ки аз се қисм иборат аст, комилан ҳаллу фасл гардидаанд. Др ин боб унвонҷӯ доир ба ҳодисаҳои воқеӣ ва шахсони таърихӣ, ки дар ривоятҳо инъикос ёфтаанд, ибрози назар намуда, мавқеи чунин ривоятҳоро дар рӯзгори мардум ва ихлосу эътибори мардум дар нисбати шахсиятҳои таърихиро таҳлил намуда ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Дар баробари дастовардҳо чанд норасоие ба назар мерасанд, ки ба андешаи моислоҳи онҳо барои беҳбудии сатҳи таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо каме таҳриірталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.

2. Дар автореферат норасоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расиданд (саҳ. 1, 4, 5, 7, 14, 18, 19, 20, 23).

3. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар автореферат аннотатсияҳоро андаке пуррутар мекард.

Камбудиҳои зикргардида арзиши илмии рисоларо коҳиш надода, ислоҳшаванда мебошанд.

Автореферати рисола ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф Шакармамадов О. Н. мухтавои пажуҳиши муҳаққиқро комилан пурра инъикос намудаанд. Маводди илман таҳқиқгардидаи рисола ба меъёрҳои таълифи кори илмӣ ҷавоб дода метавонад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)” комилан анҷомёфта буда, он ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

Номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Султонмамадова. У.А.

Имзои У.А. Султонмамадоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Зоирхонзода Ф.З.
«13» марти соли 2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. С. Носир 33.
Тел: +992(37) 224-17-86, 224-83-93
E-mail:info@apa. tj